# ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ

## байни Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ ва Муассисаи вилоятии давлатии буҷавии таълимӣ-касбии «Коллеҷи политехникии Рязан»

Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шахси директор Асрорзода Убайдулло Саттор (минбаъд КТ ДТТ ба номи академик М.Осимӣ), ки дар асоси Оинннома фаъолият мекунад ва Муассисаи вилоятии давлатии буҷавии таълимӣ-касбии «Коллеҷи политехникии Рязан» (минбаъд МВДБТК «КПР») дар шахси муовини директор оид ба таълимӣ-истеҳсолӣ Владимир Владимирович Мацнев, ки дар асоси Оиннома ва фармони МВДБТК «КПР» аз 5 июли соли 2018, таҳти №230-04 фаъолият мекунад, дар оянда «Тарафҳо» ва дар алоҳидагӣ «ҳар як Тараф» номида мешаванд,

омодагии тарафайнро дар самти рушди муносибатҳои дарозмуҳлати мутақобилан судманд ифода намуда, мехоҳанд бо ин мақсад шароитҳои зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро ташкил диҳанд,

иброз медоранд, ки ҳамкории мутақобилан судманд ба манфиати аҳолӣ буда, барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо, оид ба масоили зерин меморандуми ҳусни тафоҳумро қабул мекунанд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Тарафҳо ҳамдигарро шарики стратегӣ дониста омода ҳастанд, ки кӯшишу ғайрати хешро барои дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳо ва ташаббусҳои муштарак ҷиҳати таъмини шуғли ҷавонон ва такмили сатҳи маълумотнокии аҳолӣ дар мувофиқа бо қонунгузории амалкунанда равона созанд.

1.2. Тарафҳо ба хулосае омаданд, ки рушди муносибатҳои эҷодӣ, илмӣ, педагогӣ, техникӣ ва фарҳангӣ барои такмили сатҳи омодасозии мутахассисон мусоидат менамояд.

1.3. Ёддошти тафоҳуми мазкур самтҳои асосии ҳамкориҳои минбаъдаи Тарафҳоро, ки барои таъмини истифодаи самараноки иқтидори зеҳнӣ ва моддӣ-техникии онҳо нигаронида шудааст, муайян менамояд.

## 2. САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРӢ

Тарафҳо дар самтҳои зерин ҳамкорӣ мекунанд:

2.1. Омодасозии мутахассисон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таълим аз рӯи барномаҳои таҳсилоти касбӣ, такмили ихтисос ва таҳсилоти иловагии касбӣ дар шумора ва аз рӯи самтҳои тайёркунӣ, бо дарназардошти талаботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.2. Азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ.

2.3. Ташкили ҳамаи намудҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён, ки аз рӯи самтҳои омодасозӣ таҳсил мекунанд.

2.4. Муттаҳид намудани захираҳои зеҳнӣ ва ташкилии муассисаҳои таълимӣ.

2.5. Табодули таҷриба оид ба таъсиси лабораторияҳои (озмоишгоҳҳои) таълимӣ.

2.6. Фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯи масъалаҳои актуалии таҳсилоти касбӣ.

2.7. Ширкати муштарак дар иҷрои лоиҳаҳо ва барномаҳои минтақавӣ ва грантҳои байналхалқӣ.

## 3. ТАРЗҲОИ ҲАМКОРӢ

3.1. Тарафҳо уҳдадор мешаванд:

3.1.1. Ба якдигар иттилоъ диҳанд:

- дар бораи навовариҳо дар чорчубаи амалисозии самтҳои ҳамкорӣ;
- дар бораи ихтироот, тадқиқотҳои илмӣ, усулҳои пешқадами фаъолият, асбоб ва таҷҳизоти муосир.

3.1.2. Ҳамдигарро ба таври ройгон ё ғайриройгон бо адабиёти таълимӣ-методӣ, аёният ё нақшаҳо, таҷҳизот ва лавозимот барои озмоишгоҳҳо, ки барои мукаммалии раванди таҳсил заруранд, таъмин мекунанд.

3.1.3. Мутахассисон-омӯзгоронро ба ҳайси узви комиссияи аттестатсионӣ барои иштирок дар аттестатсияи ҷамъбастии хонандагон мефиристонанд.

3.1.4. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мақсади таълим аз рӯи барномаҳои таҳсилоти касбӣ, такмили ихтисос ва таҳсилоти иловагии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои зерин равона/ қабул мекунанд:

- танзимгари маҷмуи аппаратҳо ва асбобҳои радиоэлектронӣ;
- харрот;
- баркчӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти баркӣ;
- челонгар-васлгари маҷмуи аппаратҳо ва асбобҳои радиоэлектронӣ;
- дуредгар;
- оператори мошинҳои электронӣ-ҳисобкунӣ;
- хазинадор;
- оператори дастгоҳҳои бо барномаҳои рақамӣ идорашаванда.

3.1.5. Маблағгузории шароити ҳамкорӣ дар асоси принсипҳои ғайриасъорӣ ва ҳамарзиш амалӣ карда мешавад. Тарафе, ки мутахассисро мефиристонад, рафтуомади ӯро пардохт мекунад, тарафи қабулкунанда истиқомати ройгонро таъмин намуда, барои фаъолият шароити заруриро ташкил мекунад, инчунин истифодаи ройгони китобхонаро таъмин менамояд.

## 4. МУҲЛАТИ АМАЛИ МЕМОРАНДУМ ВА ВОРИДСОЗИИ ТАҒЙИРОТ

4.1. Ёддошти тафоҳуми мазкур бо забони тоҷикӣ ва русӣ омода шуда, ҳар ду қувваи баробар доранд ва аз рӯзи имзо шуданаш қувваи қонунӣ пайдо мекунанд.

4.2. Ҳар яке аз Тарафҳо метавонад дар ҳар лаҳза бо роҳи фиристодани хабарномаи хаттӣ ба дигар Тараф истифодаи онро қатъ кунад.

4.3. Ҳар яке аз Тарафҳо метавонад ба ёддошти тафоҳуми мазкур тағйирот пешниҳод намояд. Тағйироти пешниҳодшаванда ба иттилои Тарафи дигар расонида мешавад. Дар ҳолате, ки розигии хаттии Тарафи дигар гирифта шавад, тағйирот аз санаи баимзорасии ҳамин ризоият воридшуда ҳисобида мешавад.

Дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18 июли соли 2018 дар ду нусха бо забони тоҷикӣ ба имзо расид.

| | |
|---|---|
| Аз ҷониби КТ ДТТ ба номи академик М.Осимӣ директор | Аз ҷониби МВДБТК «КПР» муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-истеҳсолӣ |
| _______________ Асрорзода У.С. | _______________ В.В.Мацнев |
| Ҷ.М. | Ҷ.М. |